# Тоҷикистон

# Муроҷиат дар доираи
# Шарҳи умумии даврии СММ

# Иҷлосияи 39-уми гуруҳи кории ШУД,
# октябр-ноябри соли 2021

**Шиканҷа ва муносибати бераҳмона, вайронкунии ҳуқуқи инсон дар қувваҳои мусаллаҳ, масъалаҳои бекор кардани ҷазои қатл, зӯроварӣ дар оила, вайронкунии ҳуқуқҳои ЛҲБТ ва шахсони имконияташон маҳдуд**

**МАРТИ 2021**

# Мундарича


Муқаддима 4

Шиканҷа ва муносибати бераҳмона 4

Вайронкунии ҳуқуқи инсон дар қувваҳои мусаллаҳ 10

Ҷазои қатл 11

Зӯроварӣ дар оила 11

ЛҲБТ 13

Шахсони имконияташон маҳдуд 14

Озодии иттиҳодияҳо 14

Тавсияҳо 16

Шарикии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ШБҲИ) ташкилоти ғайритиҷоратии воқеъ дар Брюссел мебошад, ки соли 2008 таъсис ёфтааст. Ташкилоти мазкур бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишварҳои мухталиф ҳамкорӣ намуда, масъалаҳои ҳуқуқҳои инсонро дар сатҳи байналмилалӣ ба миён мегузорад ва эҳтироми ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазирро тарғиб мекунад. ШБҲИ дар Шӯрои Иқтисодӣ ва Иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид мақоми махсуси машваратӣ дорад.

Суроға: Rue Belliard 205, 1040 Brussels, Belgium

Сомона: www.iphronline.org

T +32 (0) 2 880 03 99

This submission has been prepared within the framework of a project financed by the European Union. The contents of this document are the sole responsibility of the organizations issuing it and can under no circumstances be regarded as reflecting the position of the European Union.

## Муқаддима

Ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон (Эътилоф), ки 12 гурӯҳи ҳимоятгарони ҳуқуқи инсон ва 9 коршиноси мустақил, Шарикии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (ШБҲИ, Белгия) ва Бунёди Ҳелсинки оид ба ҳуқуқи инсон (БҲҲИ, Полша)-ро муттаҳид менамояд, омода шудааст.

Дар ҳуҷҷат ҳолатҳои вобаста ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона, вайронкунии ҳуқуқи инсон дар қувваҳои мусаллаҳ, ҷазои қатл, масъалаҳои зӯроварӣ дар оила, ҳуқуқҳои ЛҲБТ ва шахсони имконияташон маҳдуд дар давраи баъди даври дуюми Шарҳи универсалии даврӣ (ШУД) дар моҳи майи соли 2016 инъикос мегарданд.

# Шиканҷа ва муносибати бераҳмона

Сарфи назар аз иқдомоти мусбати дар солҳои охир андешидашуда, шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона мушкилоти васеъ паҳнгашта дар Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Мақомот омори ягона ва ҳамаҷонибаро дар бораи шикоятҳо, тафтишот ва ҳукмҳои айбдоркунанда вобаста ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона нашр намекунанд. Баъзе мақомоти давлатӣ зимни нишастҳои матбуотӣ, инчунин ҳангоми таҳияи гузоришҳои ҳукуматӣ ба мақомоти шартномавӣ омори худро оид ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона вобаста ба мардон, занон ва кӯдакон пешниҳод мекунанд: 52 ҳолат дар соли 2019 ва 37 ҳолат дар соли 2020. Аксарияти кулли ҳолатҳо дар рафти тафтишоти пешакӣ ва инчунин дар қувваҳои мусаллаҳ ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳолатҳои зиёд дар омор инъикос намеёбанд, зеро ҷабрдидагон ва хешовандони онҳо бинобар эътимод надоштан ба низоми адолати судии ҷиноятӣ ва тарси интиқом аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шикоят намекунанд.

Дар давраи баррасишаванда Эътилоф тамоюли умумии аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гардидани чунин усулҳои шиканҷа қайд кард, ки зарари намоён намерасонанд ва метавонанд ҳангоми экспертизаи судии тиббӣ ошкор карда шаванд. Эътилоф афзоиши ҳолатҳои истифодаи электрошокҳо, тақлиди таҷовуз ва таҳдиди таҷовуз ба номуси мардонро қайд кард. Соли 2019 Эътилоф се ҳолатро сабт кард, ки гӯё ба боздоштшудагон бар хилофи иродаи онҳо моддаҳои психотропӣ ворид намудаанд, ки дар натиҷа онҳо қисман ҳуш ва назорати мушакҳоро аз даст додаанд.

Эътилоф дар бораи як қатор парвандаҳои ҷиноятии солҳои охир оғозшуда маълумот дорад, ки аз рӯи онҳо гунаҳгорон ба ҷавобгарӣ кашида шуда, нисбати онҳо ҳукмҳои муносиб баровarda шудаанд, аммо дар аксарияти кулли ҳолатҳо беҷазоӣ боқӣ мемонад. Дар соли 2018 шахсони дар истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона гунаҳгор аз рӯи ду парвандаи ҷиноятӣ маҳкум шуданд; дар соли 2019 – аз рӯи 2 парванда; дар соли 2020 – аз рӯи 1 парванда.[1]

[1] Боз як парвандаи дигар дар соли 2020 оғоз гардид, вале то ҳанӯз ба суд ирсол нагардидааст.

**ЧОРАҲОИ АЗ ҶОНИБИ ҲУКУМАТ ҶИҲАТИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ШИКАНҶА ВА ДИГАР НАМУДҲОИ МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА АНДЕШИДАШАВАНДА**

Дар давраи ҳисоботӣ ҳукумат ҷиҳати тақвияти чораҳо оид ба пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмона тадбирҳои мушаххас андешид ва як қатор тавсияҳои аз ҷониби мақомоти Созмони Милали Муттаҳид пешниҳодгардидаро амалӣ намуд.

Ҳуҷҷатҳои зерин қабул гардиданд: Нақшаи миллии амалҳо оид ба татбиқи тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа (КЗШ) барои солҳои 2019-2022; Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021; “Дастурамал оид ба усулҳои назорати прокурорӣ аз болои қонунӣ будани пешгирӣ, ошкор ва тафтишоти шиканҷа” ва қонун “Дар бораи авф”.

Қадамҳои дигари муҳими мусбӣ чунинанд:

- Моҳи майи соли 2016 Президенти ҶТ Эмомали Раҳмон як қатор тағйиротҳои қонунгузориро имзо кард, ки кафолатҳои асосии ҳуқуқии пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро дар ҷойҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ тақвият мебахшанд;
- Моҳи майи соли 2018 Вазорати адлия ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ якҷоя «Тартиби расонидани ёрии тиббӣ ба шахсони дар ҳабс қарордошта ва ҷазои ҷиноятиро адокунанда”-ро тасдиқ карданд, ки он шакли алоҳидаи тиббиро барои истифодаи табибон дар низоми муассисаҳои ислоҳӣ ҳангоми гузаронидани муоинаи тиббии ҷабрдидагони эҳтимолии шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар бар мегирад:
- Моҳи январи соли 2020 Президенти кишвар қонунеро имзо кард, ки ба тақвияти минбаъдаи кафолатҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ, хусусан нисбати ноболиғон равона шудааст;
- Пурзӯр намудани ҷазо барои ҷинояти шиканҷа аз моҳи январи соли 2020;
- Моҳи июли соли 2020 як қатор тағйиротҳо қабул гардиданд, ки “вазнинии ҷазоро” ҳамчун асос барои дар ҳабс нигоҳ доштан хориҷ мекунанд;
- Моҳи феврали соли 2021 қонуне қабул карда шуд, ки дастрасии адвокатро ба шахсони дар ҳабс қарордошта дар асоси шаҳодатномаи адвокатӣ пешбинӣ менамояд.

**Кафолатҳои асосии ҳуқуқӣ**

Тавре болотар қайд гардид, 14 майи соли 2016 Президент Эмомалӣ Рахмон Қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» (минбаъд – «Қонун дар бораи тартиби дар ҳабс нигоҳ доштан») ва ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (КМҶ)-ро имзо кард, ки кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи шахсони дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳабс нигоҳдошташавандаро ба таври назаррас тақвият бахшиданд. Масалан, тағйиротҳои воридгардида такмили тартиби бақайдгирии дастгиркунӣ ва ҳуқуқи фавран хабардор кардани аъзои оила ва адвокатро пешбинӣ мекунанд. Ба ғайр аз ин, тағйиротҳо инчунин пешбинӣ менамоянд, ки муҳлати дар ҳабс нигоҳдорӣ аз лаҳзаи воқеии маҳрум сохтан аз озодӣ оғоз мегардад ва инчунин шахсияти ҳамаи шахсони мансабдори дар дастгиркунӣ иштирокдошта бояд ҳатман ба қайд гирифта шаванд. Инчунин муоинаи тиббии ҳатмии гумонбаршуда пеш аз ҷойгир намудани ӯ дар Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатӣ ҷорӣ

карда шуд.

2 январи соли 2020 Президент Эмомалӣ Раҳмон тағйиротҳоро ба қонунгузорӣ вобаста ба шиканҷа/муносибати бераҳмона ба имзо расонд, ки баъзе аз онҳо кафолатҳои ҳуқуқии дар ҳабс нигоҳ доштанро, хусусан нисбати ноболиғон боз ҳам тақвият бахшиданд.

Дар асоси тағйиротҳои 4 июли соли 2020 ба КМҶ воридгардида "вазнинии ҷазо" ҳамчун асос барои ба ҳабс гирифтани айбдоршаванда хориҷ карда шуд. Ба ғайр аз ин, 2 феврали соли 2021 ба Қонун дар бораи тартиби дар ҳабс нигоҳ доштан тағйиротҳое ворид гардиданд, ки тибқи онҳо адвокат акнун метавонад дар асоси шаҳодатномаи адвокатӣ бо боздоштшудагон мулоқот кунад ва дигар иҷозати муфаттиш талаб карда намешавад.

Аммо тағйиротҳои зикргардида дар таҷриба на ҳама вақт татбиқ мегарданд. Аксарияти ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар давраи байни боздошти гумонбаршуда ва ҷойгир намудани ӯ ба тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатӣ идома доранд.

Ба ғайр татбиқ намудани кафолатҳои ҳуқуқии мавҷуда, боз андешидани чораҳои иловагӣ заруранд. Масалан, дар асоси қисми 3 моддаи 92 КМҶ, ки ҳам нисбати калонсолон ва ҳам нисбати ноболиғон татбиқ карда мешавад, шахси дастгиршуда бояд дар давоми 72 соат ба назди суд ҳозир карда шавад. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа ба Тоҷикистон тавсия додаанд, ки ин мӯҳлат ҳадди аксар то 48 соат маҳдуд карда шавад. Дар асоси банди 83 Мулоҳизоти тартиби умумии Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак №10 аз соли 2007  ин мӯҳлат барои ноболиғон бояд аз 24 соат зиёд набошад.

## ДАСТРАСӢ БА АДВОКАТ

Тағйиротҳои моҳи майи соли 2016 ба КМҶ воридгардида ҳуқуқи дастгиршудагонро ба дастрасӣ ба адвокат аз лаҳзаи воқеан дастгир гардидан муқаррар менамояд. Аммо дар таҷриба муқаррароти мазкур на ҳама вақт  иҷро мешавад.[2]

Илова бар ин мувофиқи тағйиротҳое, ки моҳи феврали соли 2021 қабул гардиданд, адвокатҳо ҳуқуқ доранд ба зерҳимояҳои худ дар асоси шаҳодатномаи адвокатӣ дастрасӣ дошта бошанд. Талаботи мазкур ба тамоми намудҳои ҷойҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ татбиқ карда мешавад. Гарчанде ин як қадами муҳим аст, мониторинги минбаъда барои арзёбии татбиқи ин меъёр дар таҷриба зарур аст.

Адвокатҳои мустақил барои дастрасӣ ба зерҳимояҳои худ дар ҷойҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ то ва баъд аз мурофиаҳои судӣ бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Дар давраи баррасишаванда ба адвокатҳо дастрасиро ба шахсоне, ки дар Тавқифгоҳи тафтишотии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ нигоҳ дошта мешаванд, рад мекарданд. Аксар вақт масъулони тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ба қоидаҳои дохилӣ ҳавола мекарданд, ки барои дастрасӣ ба адвокат иҷозат намедиҳанд.

[2] Барои маълумоти иловагӣ нигаред ба: *https://www.iphronline.org/tajikistan-torture-ill-treatment-the-death-penalty-and-the- shrinking-space-for-ngos.html*

Ҳангоми ворид шудан ба тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ (ИВС), тавқифгоҳи тафтишотӣ (СИЗО) ё судҳо аз адвокатҳо хоҳиш карда мешавад, ки ҳама воситаҳои техникиро, аз қабили сабткунандаи овоз (диктофон) ва телефонҳои мобилӣ, ки ба онҳо барои сабт кардани далелҳои шиканҷа метавонанд кӯмак расонанд, супоранд.

Эътилоф мунтазам гузоришҳо мегирад, ки тибқи онҳо ба адвокатҳо иҷозати мулоқоти махфӣ бо зерҳимояҳо намедиҳанд. Сарфи назар аз он ки қонунгузории миллӣ махфӣ будани чунин мулоқотҳоро пешбинӣ менамояд, аксар вақт кормандони муассисаҳо дар онҳо иштирок мекунанд.

Адвокатҳо аксар вақт ҳангоми пешниҳод шикоят оид ба шиканҷа таҳти фишор қарор дода мешаванд ва бо парвандаҳои сохта ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Адвокатҳои дар деҳот фаъолияткунанда таҳти фишори махсус қарор дода мешаванд.

## ДАСТРАСӢ БА МУОИНАИ ТИББИИ САМАРАНОК

Бо вуҷуди беҳбудиҳо, дар дастрасии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда ба муоинаи самараноки тиббӣ ва равонӣ монеаҳои назаррас боқӣ мемонанд.

Тағйиротҳои моҳи майи соли 2016 ба КМҶ воридгардида пешбинӣ менамоянд, ки шахсони дастгиршуда то ҷойгир кардани онҳо дар тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатӣ бояд аз муоинаи тиббӣ гузаронида шаванд. Дар қисми 4 моддаи 94 КМҶ гуфта мешавад, ки гумонбаршуда ё ҳимоятгари ӯ ҳуқуқ доранд талаб намоянд, ки муоинаи тиббиро табиби мустақил ё коршиноси судӣ - тиббӣ гузаронад. Аммо то ҳанӯз дар ҷумҳурӣ фаъолияти коршиносони мустақили судӣ-тиббӣ ба танзим давроварда нашудааст ва дар кишвар муассисаҳои мустақили судӣ-тиббӣ вуҷуд надоранд.[3]

1 майи соли 2018 бо фармони якҷояи Вазорати адлия ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ “Тартиби расонидани ёрии тиббӣ ба шахсони дар ҳабс қарордошта ва ҷазои ҷиноятиро адокунанда” тасдиқ гардид. Ҳуҷҷати мазкур варақаи алоҳидаи стандартии тиббии “Протоколи муоинаи тиббии шахсони дар ҳабс қарордошта”-ро дар бар мегирад, ки барои гузаронидани муоинаи тиббии қурбониёни эҳтимолии шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар муассисаҳои пӯшида пешбинӣ шудааст.

Гарчанде кормандони тиббӣ оид ба татбиқи тартиби нав аз омӯзиши васеъ гузашта бошанд ҳам, варақаҳо аксар вақт нодуруст пур карда мешаванд. Ба ғайр аз ин кормандони тиб, чун қоида аз тарси интиқоми кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз қайди далелҳои шиканҷа худдорӣ мекунанд.

[3] Барои маълумоти иловагӣ нигаред ба: *https://www.iphronline.org/tajikistan-torture-ill-treatment-the-death-penalty-and-the- shrinking-space-for-ngos.html*

## МОНИТОРИНГИ МУАССИСАҲОИ ПӮШИДА ВА НИМПӮШИДА

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми мустақили мониторинг барои пешгирӣ ва ошкор намудани ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ вуҷуд надорад. Тоҷикистон мушкилоти молиявиро асос карда, Протоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷаро (ПИКЗШ) ба тасвиб нарасонидааст. Аз соли 2004 инҷониб Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх барои гузаронидани мониторинг ба ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ дастрасӣ надорад.

Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки соли 2014 таъсис дода шудааст, метавонад дар як сол то 15 боздид ба амал орад, ки барои ҳифзи самаранок аз шиканҷа басанда нест. Ду соли охир гурӯҳи мониторингӣ ягон бор ҳам боздид ба амал наовардааст. Ба ҳайати гурӯҳи мониторингӣ намояндагони ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шомиланд, аммо ба онҳо иҷозат дода намешавад, ки бе кормандони Дафтари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ягон боздид ба амал оранд.

Ба истиснои мониторинги муштарак бо кормандони ВҲИ, ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллӣ барои гузаронидани мониторинги мустақил ва муассисаҳои пӯшида ва нимпӯшида дастрасӣ надоранд.

Яке аз қадамҳои мусбӣ дар самти мазкур бо қарори Ҳукумат аз 25 июни соли 2020 (№385) тасдиқ гардидани Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои давраи то соли 2030 ва Кабули Нақшаи амалҳо барои солҳои 2021-2025 мебошад, ки мониторинги мустақили ҷойҳои маҳрумӣ аз озодиро пешбинӣ мекунад.

## ТАФТИШИ ҲОЛАТҲОИ ШИКАНҶА

Аксар вақт шикоятҳо дар бораи шиканҷа ва муносибати бераҳмона бинобар сабаби мустақилияти пурра надоштани мақомоти тафтишотӣ самаранок тафтиш карда намешаванд.

Сарфи назар аз тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа, Кумитаи ҳуқуқи инсон ва Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа Тоҷикистон механизмҳои алоҳида ва мустақиле надорад, ки барои самаранок гузаронидани тафтишоти ҷиноятӣ ва амалӣ гардонидани таъқиби судӣ қодир бошанд. Бо вуҷуди ин, мақомот борҳо изҳор доштанд, ки бинобар кам будани теъдоди парвандаҳо вобаста ба шиканҷа ташкил намудани чунин механизмро зарур намешуморанд.

Аммо тавре болотар қайд карда шуд, мақомот асосан танҳо парвандаҳоеро дар назар доранд, ки бо моддаи 143[1] Кодекси ҷиноятӣ (“шиканҷа”) оғоз гардидаанд, дар ҳоле, ки аксари ҳолатҳои вобаста ба истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона тибқи дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ, аз ҷумла “хунукназарӣ”, “сӯиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ” ё “вайрон кардани муносибатҳои оинномавӣ” тафтишот бурда мешавад.

Новобаста аз он, ки масъулияти тафтишоти парвандаҳои бо моддаи 143[1] оғозгардида ба зиммаи Прокуратураи генералӣ вогузор шудааст, аксар вақт ҳаракатҳои тафтишотӣ аз ҷониби кормандони милитсия гузаронида мешаванд. Чун қоида шикоятҳои оид ба ҳолатҳои эҳтимолии истифодаи шиканҷа аз ҷониби хадамоти амнияти ниҳоди дахлдор баррасӣ карда мешаванд, ки мустақилияти кофӣ надоранд, зеро аксар вақт шикоят метавонад ба кормандони ҳамон як

мақомот дахл дошта бошад. Дар ҳолатҳое, ки ниҳод бинобар кофӣ набудани асосҳо дар бораи рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекунад, қонунгузории миллӣ аз он талаб намекунад, ки дар бораи парванда ба прокуратура маълумот фиристад.[4]

Вақте ки аз болои қарори прокуратураи маҳаллӣ дар бораи рад намудани оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба шиканҷа/муносибати бераҳмона ё боздоштани тафтишот ба Прокуратураи генералӣ шикоят пешниҳод карда мешавад, чун қоида, Прокуратураи генералӣ шикоятро барои тафтишоти минбаъда ба ҳамон прокуратура ирсол менамояд. Ҳамин тавр, парвандаҳо метавонанд байни мақомоти прокуратура тӯли якчанд моҳҳо ё ҳатто солҳо интиқол дода шаванд.

7 сентябри соли 2019 Прокуратураи генералӣ "Дастурамал дар бораи усулҳои назорати прокурорӣ аз болои риояи қонунгузорӣ оид ба пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ҳолатҳои шиканҷа"-ро қабул кард, ки он принсипҳои калидии Конвенсияи зидди шиканҷа ва Протоколи Истамбулро дар бар гирифтааст. Дар Дастурамали мазкур механизми тафтиши шикоятҳо оид ба истифодаи шиканҷа муфассал шарҳ дода шуда, тартиби зина ба зинаи муоинаи тиббии ҷабрдидагони шиканҷа мутобиқи стандартҳои Протоколи Истамбул муқаррар карда шудааст. Иҷрои Дастурамали мазкур барои кормандони мақомоти прокуратура ҳатмист. Дар ин марҳила арзёбии татбиқи ҳуҷҷати мазкур барвақт аст, аммо ташкилотҳои ғайридавлатии пешниҳодкунандаи ин санад аз қабули он истиқбол намуда, ба татбиқи пайвастаи он даъват мекунанд.

Занҳои маҳкумшуда, ки ҷабрдидаи таҷовуз ба номусанд, зимни муроҷиат ба мақомот бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Тартибе, ки барои пешниҳоди шикоят зарур аст, метавонад боиси осеби дубораи ҷабрдида гардад. Дар қонунгузории миллӣ мансаби зан-прокурор оид ба чунин парвандаҳо пешбинӣ нашудааст. Дар шароити Тоҷикистон аксар вақт хонавода ва ҷомеа худи ҷабрдидаро айбдор мекунанд.

## ҶУБРОНИ ЗАРАРИ МАЪНАВӢ

Гарчанде ки қонунгузории миллӣ ҷуброни зарари маънавии дар натиҷаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона расонидашударо пешбинӣ намекунад, бо вуҷуди ин дар таҷриба ба суд пешниҳод намудани даъво имконпазир аст. Яке аз мисолҳои мусбӣ он аст, ки моҳи марти соли 2021 суди ҳарбии гарнизони Душанбе талаби ҷуброни зарари маънавии ба зан ва фарзанди ноболиғи ҷабрдидаи шиканҷа расонидашударо қисман қонеъ кард.

Бо вуҷуди ин, аксар вақт, маблағҳои ҷудошуда на одилона ва на муносибанд ва андозаи пардохтҳо солҳои охир ба таври назаррас коҳиш ёфтаанд. Соли 2020 суд дар бораи рад намудани ҷуброни зарар ба ҷабрдидагони шиканҷа қарор қабул карда, онро бо он асоснок намуд, ки давлат барои амалҳои шахсони мансабдоре, ки зимни амалӣ гардонидани ваколатҳои мансабӣ ҳуқуқ ба озод будан аз шиканҷаро вайрон кардаанд, масъул нест.

Қонунгузории миллӣ барои ҷабрдидагони шиканҷа дигар шаклҳои ҷуброн, аз ҷумла барқарорсозӣ, сатисфаксия ва кафолати такрор нашуданро пешбинӣ намекунад.

[4] Барои гирифтани маълумоти иловагӣ дар бораи нокофӣ будани самаранокӣ ва мустақилияти прокуратура нигар ба: https://www.iphronline.org/wp-content/uploads/2020/03/CAT-Tajikistan.pdf

# Вайронкунии ҳуқуқҳои инсон дар қувваҳои мусаллаҳ

2 феврали соли 2021 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” дар таҳрири нав қабул гардид. Таҳиягарони санади мазкур аз он истиқбол намуданд, ки қонун вобаста ба муоинаи тиббӣ тартиб ва уҳдадориҳои возеҳро муқаррар намуда, ба волидайни шаҳрвандони то 18 сола ҳуқуқ медиҳад, ки дар кори комиссияи ба қайди ҳарбӣ гузоштани шаҳрвандон иштирок намоянд.

Аммо созмонҳои ҷамъиятӣ аз он нигаронанд, ки назар ба қонуни пешин қонуни нав ҳуқуқ ба хизмати алтернативии шаҳрвандиро пешбинӣ намекунад. Де-факто ҷавонони Тоҷикистон имконияти интихоби хизмати алтернативиро надоштанд, зеро, гарчанде чунин ҳуқуқ пешбинӣ шуда буд, қонунгузории миллӣ тартиби зарурии онро муқаррар накарда буд. Бекор кардани ин ҳуқуқ қадам ба самти нодуруст аст.

Моддаи 37 қонуни нав тартиби нави хизмати ҳарбӣ - хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбариро ба шарти супоридани маблағ муқаррар намудааст. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз он нигаронанд, ки матни носаҳҳеҳи қонун метавонад сабабгори фасод шавад. Дар қонун меъёрҳои интихоб, инчунин андозаи маблағи супоридашаванда муқаррар нашудаанд. Ҳамчунин дар мавриди набудани шаффофияти истифодаи ин маблағҳо нигарониҳо вуҷуд доранд. Қонун дар ин бора ягон маълумотро пешбинӣ накардааст, буҷаи Вазорати мудофиа бошад дастраси умум нест.

## ШИКАНҶА ВА ДИГАР НАМУДҲОИ МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА

Шиканҷа ва муносибати бераҳмона то ҳанӯз дар артиш ба таври васеъ боқӣ мондааст ва барои манъ ва решакан кардани зӯроварии ҷинсӣ, ҷисмонӣ ва равонӣ ягон чораҳои самаранок андешида нашудаанд.Солҳои охир дар натиҷаи шиканҷа якчанд сарбозон ба ҳалокат расиданд ва тибқи гузоришҳо як сарбоз пас аз лату кӯб ва таҳқир худкушӣ кардааст.[5]

Парвандаҳо дар ҳолатҳои нисбатан ҷиддӣ оғоз карда мешаванд, вақте ки сухан дар бораи марги сарбоз ё расонидани зарари дарозмуддати ҷиддӣ ба саломатӣ меравад Аксарияти ҳолатҳе, ки боиси оқибатҳои вазнини ҷисмонӣ нагаштаанд ё ба саломатӣ зарари ҷиддӣ нарасонидаанд, тафтиш карда намешаванд. Сабаби ин дар қувваҳои мусаллаҳ набудани механизмҳои самарноки овардани шикоят ва мавҷуд будани фарҳанге, ки барои овардани шикоят ва муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ монеа эҷод мекунад. Онҳое, ки барои кӯмак муроҷиат мекунанд, мавриди интиқоми минбаъда қарор дода мешаванд.

[5] Соли 2014 Эътилоф бақайдгирии ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро дар артиш оғоз кард – дар қушунҳои Вазорати мудофиа, қушунҳои сарҳадии КДАМ, инчунин Гвардияи миллӣ. Аз соли 2014 то 2018 Эътилоф қариб бист ҳолатро бақайд гирифт, ки 19-тои он сабаби марги сарбозон гаштанд (2 сарбози дигар худкушӣ карданд). Соли 2019Эътилоф се ҳолати марги сарбозонро ба қайд гирифт.

# Ҷазои қатл

Аз соли 2004 инҷониб барои таъин ва иҷрои ҷазои қатл мораторий амал мекунад. Соли 2016 зимни баррасии ШУД якчанд давлат ба Тоҷикистон тавсия доданд, ки Протоколи дуюми иловагии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро (ПБҲШС), ки ба бекор кардани ҷазои қатл равона шудааст, ба тасвиб расонад. Дар Нақшаи миллии иҷрои тавсияҳои ШУД аз соли 2017 ҳукумат дар сатҳи миллӣ гузаронидани чорабиниҳоро оид ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ пешбинӣ намуд. Аммо ҳанӯз Протоколи иловагӣ ба ПБҲШС ба тасвиб расонида нашудааст ва ҷазои қатл бекор карда нашудааст.

Аз соли 2010 гурӯҳи кории ҳукуматӣ, ки ба ҳайати он намояндагони вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ, Омбудсмен, инчунин доираҳои илмӣ шомиланд, оқибатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии бекор кардани ҷазои қатлро меомӯзад. Тавре аз Маърӯзаи сеюми даврии Тоҷикистон ба Кумитаи ҳуқуқи инсон бармеояд, Гурӯҳи корӣ Нақшаи амалҳоро таҳия намудааст, ки омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва қонунгузории давлатҳое, ки ҷазои қатлро бекор кардаанд, таҳлили вазъи ҷинояткорӣ то ва баъди ҷорӣ намудани мораторий ва тадқиқоти сотсиологиро дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа пешбинӣ менамояд.

Бекор кардани ҷазои қатл пайваста дар форумҳои байналмилалӣ, аз ҷумла зимни муколама оид ба ҳуқуқи инсон байни Швейтсария ва Тоҷикистон масъалагузорӣ карда мешавад. Тоҷикистон иброз намуд, ки барои пурра бекор кардани ҷазои қатл ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ зарур аст. Аммо дар раъйпурсии умумихалқӣ, ки 22 майи соли 2016 баргузор гардид, масъалаи мазкур инъикос наёфт. Мақомот инчунин иброз медоранд, ки аҳолӣ барои пурра бекор кардани ҷазои қатл омода нест. Аммо натиҷаи як назарсанҷии афкори умум, ки соли 2013 аз ҷониби Бунёди ҷамъиятии Нотабене гузаронида шуд, нишон дод, ки аз зиёда аз 2000 пурсидашудагон 67% барои пурра бекор кардани ҷазои қатл овоз доданд.[6]

То соли 2004, то ҷорӣ намудани мораторий, тамоми масъалаҳои вобаста ба ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сирри давлатӣ ба ҳисоб мерафтанд. Ҳолатҳое буданд, ки дар рафти мурофиаҳои судии ноодилона дар асоси нишондодҳои худиқрорӣ, ки дар натиҷаи истифодаи шиканҷа ба даст оварда шуда буданд, ҳукмҳои қатл бароварда шуданд. Ба ғайр аз ин, дар асоси моддаи 221 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ "ҷасади маҳкумшуда барои дафн дода намешавад ва ҷои дафн хабар дода намешавад". Ҳамин тариқ, хешовандони онҳое, ки то ҷорӣ шудани мораторий қатл шуданд, то ҳол ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи ҷойҳои дафнро надоранд.

# Зӯроварӣ дар оила

Зӯроварӣ дар оила нисбати занон дар Тоҷикистон як падидаи маъмул ва васеъ паҳнгашта мебошад. Соли 2019 Кумитаи ҳуқуқи инсон гузориш дод, ки дар Тоҷикистон аз даҳ нафар зан ҳар як зани ҳаштум ҳадди ақал як бор дар ҳаёташ мавриди зӯроварии хонаводагӣ қарор дода шудааст.[7]

---

[6] http://notabene.tj/publication/ours/reports/

[7] *https://tbinternet.ohchr.org/_layouts/15/treatybodyexternal/Download.aspx?symbolno=CCPR/C/TJK/CO/3&Lang=En*
Зӯроварӣ дар оила зӯроварии ҷисмонӣ, равонӣ ва/ё иқтисодиро дар бар мегирад

Бо вуҷуди ин дар Тоҷикистон арзёбӣ намудани миқёси дақиқи зӯроварӣ дар оила бинобар набудани омори мукаммали расмӣ оид ба масъалаи мазкур душвор аст. Инчунин нақшҳои маҳдуди иҷтимоӣ ва доғи иҷтимоӣ, ки ба занон имконият намедиҳанд дар бораи муносибати бераҳмона нисбати онҳо кушоду равшан сухан ронанд, барои арзёбии миқёси зӯроварӣ монеъ мешаванд. Тибқи маълумоти Тадқиқоти демографӣ ва саломатии аҳолии Тоҷикистон дар соли 2017 танҳо ҳар як даҳумин зане, ки зӯроварии хонаводагиро аз сар гузаронидааст, барои кӯмак ба мақомот муроҷиат мекунад.[8]

Новобаста аз дастовардҳои муайяни солҳои охир, занҳо-ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар масъалаи дастрасӣ ба адолати судӣ ҳанӯз ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Далели он, ки зӯроварӣ дар оила дар Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун ҷинояти алоҳида эътироф намешавад ва мақомот ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгоронро таъмин намекунанд, боиси он мегардад, ки гунаҳгорон беҷазо мемонанд.[9]

Боиси қаноатмандист, ки дар лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии ҶТ моддае мавҷуд аст, ки барои зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла барои зӯроварии ҷисмонӣ, ҷудо нигоҳ доштан, тарсондан, назорат, аз ҷумла маҳрумиятҳои иқтисодӣ ва беназоратӣ ҷазо пешбинӣ менамояд. Аммо ин мафҳум тамоми шаклҳои зӯровариро, тавре Кумитаи зидди шиканҷа (б. 48) ва Кумитаи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон (КБШТЗ, б. 26), аз ҷумла зӯроварии равонӣ, таҷовуз ба номус дар никоҳ ва сӯиқасди шаҳвониро фаро намегирад.

Чораҳои ҷазо, ки дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд ҷарима, корҳои ислоҳӣ ё ба муҳлати то 40 рӯз дар ҳабс нигоҳ доштан барои ҳаракатҳое, ки боиси расонидани зарари ночиз ба аъзои дигари оила шудаанд, ё ба муҳлати то се сол барои зарари ба якчанд аъзои оила расонидашуда; агар шахси ҷиноятро содирнамуда ҳангоми нисбати ӯ амал кардани амрномаи муҳофизатӣ зӯроварӣ содир намуда бошад; агар ин амал нисбати зани ҳомиладор, ноболиғ ё шахси дар вазъияти осебпазир қарордошта ё дар ҳузури ноболиғ содир шуда бошад ё агар амали содиршуда боиси расонидани зарари миёна шуда бошад, ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол; ҳаракатҳое, ки боиси расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ гаштаанд, ба худкушӣ расонидан ё барои амалҳои бо бераҳмии махсус содиршуда ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол; барои ҳаракатҳое, ки боиси марги ду ё зиёда шахсон гаштаанд, ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз чор то ҳафт сол ҷазо пешбинӣ шудааст. Мо қатъиян тавсия медиҳем, ки ҷазоҳо барои зӯроварӣ дар оила ба ҷиноятҳои содиршуда ва ба ҷиноятҳои дахлдори берун аз хона содиршуда муносиб бошанд.

Аксарияти ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ ба паноҳгоҳҳо, хадамоти психологию иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра, ки ба онҳо эҳтиёҷ доранд, хусусан дар деҳот, дастрасӣ надоранд. Дар Тоҷикистон ҳамагӣ панҷ паноҳгоҳ барои занон вуҷуд доранд, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ намешаванд ва шароити зисти мувофиқ барои ҷойгир намудани ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ надоранд. Марказҳои бӯҳронӣ гузориш медиҳанд, ки вазъи бе ин ҳам шадид дар давраи пандемияи COVID-19 якбора авҷ гирифт.

[8] *https://dhsprogram.com/pubs/pdf/FR341/FR341.pdf*
[9] Барои маълумоти иловагӣ нигаред ба: *https://iphronline.org/wp-content/uploads/2017/03/ENG-Domestic-violence-in-Taj- March-2017.pdf*

# ЛҲБТ

Ҳуқуқҳои инсонии лесбиян, ҳамҷинсгаро, бисексуал ва трансгендерҳо (ЛҲБТ) дар Тоҷикистон аксар вақт ба таври дағалона вайрон карда мешаванд. Милитсия аксар вақт ЛҲБТ-ро метарсонад, мавриди зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсӣ қарор медиҳад ва худсарона боздошт мекунад. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аксар вақт маълумотро дар бораи тамоюли ҷинсӣ барои таҳдид ва тамаъҷуӣ истифода мебаранд. Тамаъҷуӣ ва зӯроварӣ аз ҷониби кормандони милитсия, инчунин сӯистифода аз ҷониби субъектони ғайридавлатӣ дар шароити беҷазоии пурра содир карда мешаванд.

Зимни нишасти матбуотӣ моҳи январи соли 2019 собиқ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Зариф Ализода изҳор дошт, ки мақомоти Тоҷикистон бинобар дар ҷомеа ҷой доштани "меъёрҳои ахлоқӣ ва ахлоқи муносибатҳои инсонӣ" наметавонад тавсияҳои созмонҳои байналмилалиро вобаста ба ҳуқуқҳои ЛҲБТ риоя кунад. Ҳамзамон қайд кард, ки "ин маънои онро надорад, ки дар Тоҷикистон шахсони тамоюли ғайрианъанавӣ таъқиб мешаванд".[10]

Гомофобия ва трансфобияи иҷтимоӣ ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва фаъолони ҷамъиятиро, ки бо ақаллиятҳои ҷинсӣ кор мекунанд, хусусан ба санҷишҳои мақомот, тарсонидан ва фишорҳои дигар осебпазир месозад (барои маълумоти бештар ба фасли озодии иттиҳодияҳо нигаред).

Соли 2016 мақомот оид ба масъалаи шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ЛҲБТ гурӯҳи корӣ таъсис дода, ба муайян намудани ақаллиятҳои ҷинсӣ оғоз карданд. Дар моҳҳои минбаъда 367 нафар ҳамҷинсгароён ва лесбиянҳои эҳтимолӣ боздошт ва ба қайд гирифта шуданд. То ба имрӯз маълум нест, ки таҷрибаи бақайдгирии намояндагони ЛҲБТ идома дорад ё не.

Дар аввали соли 2020 дар шабакаҳои телевизионии давлатӣ ва дигар расонаҳои давлатӣ филми ҳуҷҷатии "Бешараф" намоиш дода шуд. Ҳикоят дар бораи падару писар, аъзои ҳизби манъшудаи Наҳзати исломӣ мебошад. Филм ҳамҷинсгароиро ҳамчун беморӣ тасвир намуда, онро бо ифротгароӣ баробар мекунад. Бино ба гузоришҳо, мақомот ба устодони донишгоҳҳо дастур медиҳанд, ки филмро ба донишҷӯён нишон диҳанд. Видеои мазкур баҳс ва мубоҳисаҳои интернетиро дар бораи масъалаҳои ЛҲБТ ба вуҷуд овард, ки ин як пешравии мусбат аст, гарчанде аксарияти шарҳҳо гомофобӣ ба назар мерасанд.

Тибқи маълумоти мавҷуда моҳи декабри соли 2020 ду шахси бо фаъолияти шаҳвонӣ машғулбуда ва чор фаъоли дар ташкилотҳои оид ба мубориза бо ВМНО коркунанда барои дар шуъбаҳои милитсия аз ташхиси ВМНО гузаштан маҷбур карда шуданд. Дар аксари мавридҳо шахсони аз ҳисоби ЛҲБТ аз тарси ба аъзои оила ва дигарон ифшо шудани мақоми онҳо ва аз ҷониби мақомот ба муқобили онҳо истифода шудани он барои муайян намудани вазъи ВМНО-и худ аз муроҷиат ба марказҳои ВМНО ё муроҷиат барои гирифтани ёрии тиббӣ худдорӣ мекунанд.
.

---

[10] *https://www.dialog.tj/news/ombudsmen-tadzhikistan-ne-mozhet-sledovat-rekomendatsiyam-po-pravam-lgbt-soobshchestva*

## Шахсони имконияташон маҳдуд

Мардон, занон ва кӯдакони маъюбиятдошта на танҳо ба чунин вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон, аз қабили табъиз, махсусан ҳангоми дастрасӣ ба таҳсил, бозори меҳнат, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ осебпазиранд, балки инчунин дар муассисаҳои нимпӯшида мавриди зӯроварӣ қарор дода мешаванд. Мувофиқи маълумоте, ки муҳаққиқони ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон аз манбаъҳои боэътимод ҳангоми тадқиқоти саҳроӣ дар моҳи июни соли 2018 ба даст овардаанд, шахсони маъюбиятдошта аксар вақт ба исқоти маҷбурӣ, қабули маҷбурии доруворӣ, истифодаи бетартиб ва номуносиби воситаҳои маҳдудкунанда, инчунин маҳрум кардан аз ҳуқуқ ба ҳаёти оилавӣ дар муассисаҳои интернатӣ дучор мешаванд.

Тоҷикистон ба тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа ва Кумитаи барҳам додани табъизи занон нигоҳ накарда Потоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷаро ба тасвиб нарасонидааст, ки имконияти ташкили Механизми миллии пешгирикунандаро пешбинӣ менамояд.

Ташкилотҳои ғайридавлатии мустақил бо мақсади мониторинги риояи ҳуқуқи инсон ба муассисаҳои будубоши шахсони маъюбиятдошта дастрасӣ надоранд, ба истиснои Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки мандат ва имкониятҳои маҳдуд дошта, ду соли охир ягон муассисаро боздид накардааст.

Занон ва духтарони маъюбиятдошта ба ғайр аз маъюбияти худ бо шаклҳои гуногуни табъиз аз рӯи аломати ҷинс ва аксар вақт бо камбизоатӣ дучор меоянд.[11]

Хурсандиовар аст, ки 27 феврали соли 2021 бо қарори Ҳукумат (№116) Нақшаи миллии амалҳо барои то давраи соли 2024 тасдиқ гардидааст, ки ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба тасвиб расонидан ва татбиқи Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои шахсони маъюб равона карда шудааст.

## Озодии иттиҳодияҳо

Солҳои охир Ҳукумати Тоҷикистон фазои фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатиро боз ҳам маҳдудтар сохта, фишор ба ҳомиёни ҳифзи ҳуқуқро афзоиш додааст. Мақомот аз фаъолон ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ даъват мекунанд, ки корро бо парвандаҳо қатъ кунанд ва вобаста ба масъалаҳои “ҳассос” фикрашонро баён накунанд. Дар соли 2021 вазъи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар, хусусан ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки бо ҳуқуқи инсон ва дигар масъалаҳои ба қавли мақомот “ҳассос” машғуланд, боз ҳам бадтар шуда, боиси эҳсоси ноамнии шахсон ва гурӯҳҳои ҳифзнашуда гаштанд.

Мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд ҳамасола ҳисоботҳои молиявӣ ва маълумоти муфассалро дар бораи намудҳо ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ, манфиатдорон ва шарикон пешниҳод намоянд. Низоми ҳисоботдиҳии онлайн

[11] Барои маълумоти муфассал нигаред ба: *https://iphronline.org/wp-content/uploads/2018/12/Tj-disabilities-report-updated-compressed.pdf*

вуҷуд надорад, ки барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар минтақаҳои дурдаст ва дастнорас мушкил эҷод мекунад. Дар қонун барои ба вазорат пешниҳод накардани ҳисобот ва риоя накардани мухлатҳо чораҳои ҷазо муайян карда нашудаанд. Вале дар таҷриба Вазорати адлия барои сари вақт огоҳ накардан иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ҷарима мекунад.

Дар давраи баррасишаванда мақомот, аз ҷумла Вазорати адлия, Кумитаи андоз ва Хадамоти меҳнат санҷишҳои беасосро идома доданд, ки дар натиҷаи онҳо якчанд огоҳномаҳо ва муҷозот татбиқ карда шуд. Аксар вақт мақомот дар бораи тартиби риояи ин қоидаҳо тавсияҳо пешниҳод намекунанд, аммо тавре ба назар мерасад, бо мақсади ҷаримабандии минбаъда ё бастани ташкилотҳои ҷамъиятии дахлдор хатогиҳои ночизро меҷӯянд.

1 феврали соли 2021 Вазири адлия дар нишасти матбуотӣ изҳор намуд, ки вазорат дар соли 2020 80 ташкилоти ғайридавлатии навро ба қайд гирифт; бақайдгирии 111 ташкилот бинобар ба талаботи қонунгузорӣ ҷавобгӯ набудани ҳуҷҷатҳои онҳо рад карда шуд; 103 ТҒД ва 16 филиалҳои онҳо барҳам дода шуданд. Вазир илова намуд, ки айни ҳол дар Тоҷикистон қариб 2000 ТҒД-хои бақайдгирифташуда фаъолият доранд.[12]

Якчанд соли охир мақомот таъқиби ташкилотҳоеро, ки бо ЛҲБТ ё шахсони бо фаъолияти шаҳвонӣ машғулбуда кор мекунанд, ба таври назаррас афзоиш дода, онҳоро дар вайрон кардани арзишҳо ва ахлоқи анъанавӣ айбдор мекунанд.[13] Масалан, моҳи ноябри соли 2017 ТҒД “Роҳи зиндагӣ”, ки бо ҳифзи ҳуқуқи ЛҲБТ машғул буд, баъди силсилаи санҷишҳо дар бораи қатъ намудани фаъолияти худ эълон кард. Роҳбари ташкилот изҳор намуд, ки онҳо аз ҳамаи ин санҷишҳо монда шуданд ва мақомоти маҳаллӣ аз онҳо якчанд маротиба талаб кардаанд, ки фаъолияти худро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои ҷинсӣ қатъ намоянд.[14]

2 январи соли 2020 ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тағйиротҳо ворид карда шуданд, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динии ба қайд гирифтанашуда, фаъолияташон боздоштшуда ё бо қонун манъшуда ҷазоро пурзӯр мекунанд. Барои иштирок дар фаъолияти чунин иттиҳодияҳо ҷарима ба андозаи то 500 евро, ба ҷойи тақрибан 35 еврои қаблӣ пешбинӣ шудааст.[15]

---

[12] *https://asiaplustj.info/en/news/tajikistan/society/20210202/last-year-foreign-funding-for-tajik-public-associations-reportedly-amounted-to-90707-million-somonis?__cf_chl_jschl_tk__=8371cd367cca0b00c5effec487a029cb78b606cc-1616086223-0-ASeJfApY8eBw06xkd4UkfHm8-kiucQzkpLtQxLFECXnQOxhFNcail4_ut6IOG8Z2IXK0irC0A7HiiApgh5WzTDi6RHREJ638n2LO8DNqupC4VQooevMMbPG-8AGm5u_tNzh3E-0inRyW4tE4vLoeRE832Sf4civrxQrcoaf5ZImIYjFsznp9tIhdGsuM1qcSW1W47H6AcZq7NV0ZeV9rrYBjDMdqeyq8RExlUrPAwD_eWkozeD6A8WVedh1GCV1U2EvTP67r_tuqn0MLuQjaptQRWnROmetZ2juc8bxL-a26hRrCIifvJN0lovALHSXxm9n-nqFpvIVBErT4GvqPlmkii_8N1yY3WjH1cisZ4EASvkKkurfwDclh22JIIZFFBDtCmoMT6ZIbMPKHRCzq4qcr7fZhfI5Ry9scLnWcPoC8m_Q1c9fbmCEiSq1PE0Q_3901U-A9q4s7 DpUwJqKbDDQniakJQlCZ7jAUVThGmb0hf0yscB3NpPZ2fmfApy6oKg*

[13] *https://www.omct.org/files/2019/07/25409/tajikistan_hrd_report_eng.pdf*

[14] *https://vecherka.tj/archives/27284*

[15] *https://www.icnl.org/resources/civic-freedom-monitor/tajikistan*

# Тавсияҳо

Ташкилотҳое, ки ҳуҷҷати мазкурро якҷоя омода намудаанд, аз аъзоёни Шӯрои ҳуқуқи инсон даъват менамоянд, ки Тоҷикистонро барои иҷрои  тавсияҳои зерин даъват кунанд:

**ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА**

- Президент ва дигар мансабдорони баландмартабаи давлатӣ бояд ошкоро эълом доранд, ки шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар ҳама замина қатъиян манъ аст ва шахсони дар содир намудани ин ҷиноятҳо гунаҳгор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.
- Нашри маълумотҳои оморӣ оид ба шикоятҳо, тафтишот, таъқиби судӣ, хукмҳои айбдоркунанда,ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба даъвоҳои оид ба шиканҷа (моддаи 143[1]) ва муносибати бераҳмона.
- Ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки дар истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона гунаҳгоранд ва баровардани ҳукмҳои ба вазнинии ҷиноятҳои содиршуда муносиб.
- Таъмини дастрасӣ ба кафолатҳои ҳуқуқӣ барои шахсони дар ҳабс қарордошта.
- Ворид намудани тағйирот ба КМҶ барои таъмини он, ки баррасии судии масъалаи ҳабси пешакӣ  дар давоми 48 соат баъди дастгиркунӣ барои калонсолон (мувофиқи тавсияҳои Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ва Маърӯзачии махсус оид ба масъалаҳои шиканҷа дар соли 2018) ва на зиёда аз 24 соат барои ноболиғон (мувофиқи банди 83 Мулоҳизоти тартиби умумии № 10 Кумитаи ҳуқуқи кӯдак).
- Таъмини пайдарпай амалӣ гардонидани қонунгузорӣ, ки дастрасии бемамониати адвокатҳоро ба зерҳимояҳои онҳо дар ҳама марҳилаҳои боздошт ва дар ҳама ҷойҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ пешбинӣ менамояд; аз ҷумла фавран баъд аз озодӣ маҳрум шудан ва танҳо дар асоси шаҳодатномаи адвокатҳои онҳо.
- Таъмин намудани он, ки ҳамаи шахсони дар ҳабс карордошта пас аз дастгиркунӣ ба зудӣ тибқи стандартҳои Протоколи Истамбул аз ҷониби кормандони тиббии мустақил муоина карда шаванд.

**МОНИТОРИНГИ МУСТАҚИЛИ ҶОЙҲОИ ДАР ҲАБС НИГОҲДОРӢ:**

- Ба тасвиб расонидани Протоколи иловагии Конвенсияи зидди шиканҷа ва таъсис додани Механизми миллии пешгирикунанда.
- Пешниҳоди дастрасии бемамониат ба ҳама ҷойҳои дар ҳабс нигоҳдорӣ, комиссияҳои даъватӣ ва қисмҳои ҳарбӣ ба Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх ва ташкилотҳои ғайридавлатии мустақил, ки дар самти пешгирии шиканҷа дар Тоҷикистон фаъолият менамоянд,

## ТАФТИШОТИ САМАРАНОК:

- Ташкил ва таъмини маблағгзории механизми мустақили дорои салоҳият ва ваколати кофӣ барои гузаронидани тафтишоти самараноки шикоятҳо оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона.
- Ҳамзамон васеъ намудани ваколатҳои воҳидҳои мавҷудаи махсуси прокуратура бо мақсади роҳбарӣ намудан ба тафтишоти шикоятҳо оид ба истифодаи шиканҷа ва ҳама шаклҳои дигари муносибати бераҳмона ва гузаронидани тафтишоти дахлдор сарфи назар аз он ки пешбурди он тибқи моддаи 143[1] ё дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятии ҶТ амалӣ карда мешавад ва ба қонунгузорӣ ворид намудани тағйироти дахлдор.

## ҶУБРОНИ ЗАРАРИ МАЪНАВӢ ВА ҶАБРДИДАГОНИ ШИКАНҶА:

- Таъмини муқарраroти возеҳи қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқи ҷабрдидагони шиканҷа ба ҷуброни зарар, аз ҷумла ҷуброни одилона ва муносиб ва барқарорсозии зарари дар натиҷаи шиканҷа расонидашуда, новобаста аз он ки шахсони чунин амалҳоро содиркарда ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд ё не.

## ВАЙРОНКУНИИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН ДАР ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ:

- Қабули қонунгузорӣ, ки хизмати алтернативии шаҳрвандиро пешбинӣ мекунад.
- Таҳияи меъёрҳои возеҳи интихоби шахсоне, ки барои қабул шудан ба қисмҳои эҳтиётии ҳарбӣ муроҷиат мекунанд; мушаххас намудани ҳаҷми маблағе, ки онҳо бояд пардохт намоянд ва нашри маълумоти мукаммал дар бораи даромад ва хароҷоти ҳукумат аз ҳисоби ин пардохтҳо.

## ҶАЗОИ ҚАТЛ

- Бекор кардани ҷазои қатл ва ба тасвиб расонидани Протоколи иловагӣ ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ.
- Ба қонунгузорӣ ворид намудани тағйироте, ки ба хешовандони шахсони то ҷорӣ намудани мораторий ҷазои қатл татбиқгардида имконият диҳад, ки дар бораи ҷойи дафн иттилоот гиранд.
- Беҳтар намудани шароити нигоҳдории шахсоне, ки ҷазои якумра аз озодӣ маҳрумиро адо мекунанд ва бекор кардани маҳдудиятҳои беасоси дарстрасии онҳо ба оила, адвокатҳо ва хизматрасонии тиббӣ.

## ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

- Ташкил намудани омори ҳамаҷониба оид ба ҳама шаклҳои зӯроварӣ нисбати занон,

тақсимбандӣ аз рӯи намуди зӯроварӣ, гунаҳгорон, синну сол ва баромади этникии ҷабрдидагон, инчунин шумораи шикоятҳои воридгардида, натиҷаи тафтишоти гузаронидашуда ва таъқиби судӣ, инчунин ҳукмҳои нисбати гунаҳгорон содиршуда.

- Таъмин намудани маблағгузории кофии давлатӣ барои қонеъ гардонидани талабот ба паноҳгоҳҳо ва манзилҳои иҷтимоӣ.
- Расонидани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ, тиббӣ, равонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ, хусусан дар деҳот.
- Таъмини вокуниши муносиби кормандони милитсия ба шикоятҳо; ба қайд гирифтани ҳамаи шикоятҳо, сари вақт, холисона ва самаранок тафтиш кардани онҳо; ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон.
- Ворид намудани тағйиротҳо ба моддаи 53 лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ бо мақсади ҷиноигардонии тамоми шаклҳои зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла зӯроварии равонӣ, таҷовуз ба номус дар никоҳ ва сӯиқасди шаҳвонӣ ҷиҳати сабук кардани таъқиби судии гунаҳгорон.
- Таъмини омодагии ҳатмии кормандони милитсия, судяҳо ва дигар шахсони мансабдори дахлдор вобаста ба тамоми шаклҳои зӯроварӣ ва таъмин намудани ҷуброни зарар ба ҷабрдидагон (мутобиқи тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷа аз соли 2018).

## ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

- Ба тасвиб расонидани Конвенсияи дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон ва Протоколи иловагии он.
- Таъмин намудани он ки шахсони маълулияти ҷисмонӣ, ҳассосӣ, ақлонӣ ва равонидошта баробари дигарон ба таҳсил, меҳнат, хизматрасонии тиббӣ ва таъминоти иҷтимоӣ дастрасӣ дошта бошанд; ҷудо намудани таваҷҷӯҳи махсус ба заноне, ки бо табъизи гуногун дучор мешаванд.

## ОЗОДИИ ИТТИҲОДИЯҲО

- Ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқ гардонидани муқаррароти Қонуни ҶТ “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” ва дигар қонунҳои миллӣ ва таъмин намудани он ки, аз ҷумла муқаррароти вобаста ба назорат ва санҷиши ТҒД, инчунин боздоштан ва барҳам додани фаъолияти ТҒД возеҳу равшан ва комилан ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқат кунанд.
- Таъмин намудани он ки фаъолият ва маблағгузории ТҒД мавриди маҳдудиятҳои беасос қарор дода нашавад ва ҳеҷ ТҒД худсарона баста нашавад.